**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ оид ба диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ.**

Муртазозода Ораз, 25-уми апрели соли 1986 таваллуд шудааст, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Соли 2003 Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи президентӣ барои хонандагони болаёқати Тоҷикистон»-ро хатм кардааст. Дорои маълумоти олӣ буда, соли 2008 Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, факултети иқтисодиёт ва менеҷмент бо ихтисоси молия ва қарз хатм намудааст.

Фаъолияти худро тайи солҳои 2008-2023 аз ассистенти кафедраи фаъолияти бонкии факултети умури бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оғоз намуда, то санаи 31.03.2023 дар вазифаҳои гуногун то муовини сардори раёсати таълими ниҳоди мазкур кору фаъолият намудааст. Сипас, аз 03.04.2023 то 30.11.2023 сардори Раёсати таҳлили масъалаҳои макроиқтисодии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 01.12.2023 то 17.07.2024 сардори Раёсати тадқиқоти масъалаҳои рушди соҳавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз 18.07.2024 то ҳол ҳамчун муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кор ва фаъолият намуда истодааст.

Бояд қайд кард, ки Муртазозода О. рисолаи номзадии худро соли 2019 дар мавзӯи «Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди инноватсионии низоми саноати минтақавӣ (дар асоси маводҳои минтақаҳои марказии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар Шурои диссертатсионии Д999.020.02 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон зери роҳбариам ҳимоя намудааст.

Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.02.2023, №3 ба Муртазозода О. унвони илмии дотсент аз руйи ихтисоси «Иқтисодиёт» бо рақами қайди ДДТ №0505 шаҳодатномаи дотсентӣ дода шуд ва аз 01 марти соли 2023 ҳамчун дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Мавзуи диссертатсияи доктории Муртазозода Ораз дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2021, протоколи № 11 тасдиқ гардидааст.

Ҳангоми иҷрои диссертатсияи худ Муртазозода Ораз дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, омӯзиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиёни ватанию хориҷӣ, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро таҳқиқ намудаанд, нишон дод. Ҳамзамон, ҳамчун мутахассиси соҳаи мазкур дар доираи илми иқтисоди тоҷик шинохта шуда, мунтазам дар ҳамоишҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад менамояд.

Муртазозода Ораз мунтазам доир ба раванди саноатикунонии босуръати кишвар, гузариш ба иқтисоди сабз, рушди низоми инноватсионӣ, иқтисоди рақамӣ, экосистемаҳои инноватсионӣ, амалисозии ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ таҳқиқот анҷом медиҳад. Бинобар ин, муқаррароти асосӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 61 мақолаҳои илмӣ ва интишороти гуногун, аз ҷумла, 1 монография ва 39 мақола дар нашрияҳои такризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр карда шудааст.

Мубрам будани мавзуи диссертатсияи Муртазозода Ораз дар он зоҳир мегардад, ки идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноати Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди рақамӣ ва Индустрияи 4.0 аҳамияти стратегӣ касб намудааст. Бо дарназардошти ин, мавзуи интихобгардида рӯзмарра буда, дорои аҳаммияти муҳимми назариявию методологӣ ва амалӣ мебошад.

Бинобар ин, сохтор ва мундариҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ дорои пайдарпаии мантиқӣ мебошад, ки сатҳи баланди камолоти илмии унвонҷуйро шаҳодат медиҳад. Мақсади диссертатсия аз асоснок намудани ҷанбаҳои назариявию методологии такмили механизмҳои идоракунии рушди инноватсионии саноати Тоҷикистон, бо дарназардошти шароити рушди марҳилаи панҷуми технологӣ, табодули рақамӣ ва иқтисодиёти "сабз", инчунин коркарди тавсияҳои амалӣ барои татбиқи сиёсати инноватсионии давлатӣ дар бахши саноат иборат аст.

Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мутобиқ мебошанд: 1.1.Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ. 1.4. Таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиққунии амалии онҳо. 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва таҳқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ. 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ.

Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ. 1.9. Баҳодиҳии неруи инноватсионӣ дар низомҳои иқтисодӣ.1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. Баҳодиҳии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ.1.15.Таҳқиқи самтҳо ва воситаҳои рушди созмондиҳии нави технологии низомҳои иқтисодӣ. Коркарди стратегияи рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ. 1.29. Такмили методологияи идоракунии сармояи инсонӣ барои манфиатҳои рушди инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ–иҷтимоӣ.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар таҳияи асосҳои назариявӣ ва методологияе ифода меёбад, ки моҳияти таъмини инфрасохтории рушди инноватсионии саноатро тавзеҳ медиҳанд. Аҳаммияти амалии он дар татбиқи хулоса ва тавсияҳои илман асоснокшуда дар сиёсати соҳавӣ ва давлатӣ, инчунин фаъолиятҳои корхонаҳои саноатӣ барои тақвияти рушди инноватсионӣ зоҳир мегардад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра аз ҷониби муаллиф анҷом дода шудааст ва дар он маводҳои назариявӣ, методологӣ ва амалӣ таҳлил ва ҷамъбаст гардидаанд. Муаллиф тамоюлҳои асосии рушди соҳаи саноат ва имкониятҳои таъмини рушди инноватсионии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод кардааст. Муқаррароти илмӣ ва нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия гардида, ба асоснокии назариявӣ ва амалии онҳо диққати махсус дода шудааст.

Хулоса, диссертатсияи Муртазозода Ораз дар мавзуи «Такмили системаи идоракунии рушди инноватсионии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия» ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта, дорои арзишҳои баланди илмиву амалӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва барои ҳимоя ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ тавсия мегардад.

**Мушовири илмӣ:**
**Муовини директори ИИ ва ДАМИТ**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Мирсаидов А.Б.**

*Имзои д.и.и., профессор Мирсаидов А.Б.-ро тасдиқ мекунам.*

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ

**Нозири калон оид ба кадрҳои ИИ ва ДАМИТ** **Аюбӣ Ф.**